## ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи номзадии Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдуҳакимович ба “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” бахшида шуда, дар он мухтассоти луғавию маъноии топономия ё ҷойномҳои асари арзишманди адабии асри XV мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи омӯзиши топонимҳои тазкираи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки яке аз тазкираҳои муътабари адабии тоҷик мебошад, то кунун пажуҳиши алоҳида ва ҷудогона ба вуҷуд наёмадааст.

Ба риштаи таҳлил кашида шудани номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ки яке аз қисматҳои муҳимми ономастика ба шумор рафта, солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносонро бештар ба худ ҷалб намудааст. Зеро илми ономастика нисбат ба дигар илмҳои забоншиносӣ ҷавонтар буда, омӯзиши номҳои хос, бахусус номвожҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар осори адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, на танҳо ба соҳаи номшиносӣ тааллуқ дорад, балки ба паҳлуҳои гуногуну норавшани таърих, этнография, ҷуғрофия, фарҳангу маданият, адабиёту санъат, ҳунармандиву меъморӣ, шаҳрсозиву муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамзамон, қисматҳои гуногуни забоншиносӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯй, анҷоми рисолаи номзадӣ доир ба шинохти топонимҳои асари мазкур мубрам ва саривақтӣ маҳсуб мешавад.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии рисолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи диссертатсинонӣ дар заминаи номвожаҳои ҷуғрофии асари мушаххас аз нигоҳи маънои луғавӣ, қабатҳои забонӣ ва сохтору таркиб ба роҳ монда шудааст.

Дар диссертатсия бори нахуст таҳлили бонизоми топонимҳои “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз нигоҳи хусусиёти луғавию маъноӣ чун як ҷузъи муҳимми таҳқиқи илмӣ дар забоншиносӣ ба тариқи муназзам бо нишон додани маъно, баромад, ташаккул ва сохтор сурат гирифтааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки ин асари таърихӣ-адабӣ бори нахуст аз нигоҳи номшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллифи "Тазкират-уш-шуаро" нақлу ривоят ва воқеаҳои воқеии дидаву шунидаи худро дар иртибот бо ҳаёт ва фаъолияти адабии удабову уламои давраҳои гуногун тасвир намуда, маълумоти ҷолиберо аз таъриху адаби форсу тоҷик ба мерос гузоштааст. Ин аст, ки номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофии асар низ чун сарчашмаи асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор меравад ва дар омӯзиши ономастикаи таърихӣ саҳми арзанда доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро метавон дар он баршумурд, ки дар таҳлил ва шарҳу маънидод намудани масъалаҳои гуногуни решашиносӣ, калимасозӣ, овозшиносӣ, грамматика ва дигар қисматҳои забоншиносӣ низ маводди таҳқиқшуда бетаъсир нахоҳад буд.

Диссертант дар заминаи осори назарии ономастикаи умумӣ, аз ҷумла ономастикаи бадеӣ, асарҳо ва мақолаҳои илмии номшиносон А. В. Виноградов, В. В. Бартолд, А. С. Андреев, Э. М. Мурзаев, В. В. Виноградов, О. С. Ахманова, Г. О. Винокур, С. Айнӣ, А. Л. Хромов, А. З. Розенфелд, Р. Х. Додихудоев, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, Р. Шоев, С. Қурбонмамадов, С. Абодуллоева, Д. Майнусов, С. Холиқназарова ва дигаронро истифода карда, рисолаи хуби илмӣ навиштааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва 10 фасл, 15 зерфасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад, ки дар маҷмуъ 192 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифаи таҳқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, усул, сарчашма ва навоварии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Таҳқиқи хусусиятҳои вожагонии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** ном дошта, аз 8 фасл ва 6 зерфасл иборат аст. Дар ин боб, масъалаҳои чун таснифи топонимҳои асар ва таҳлили лексикӣ-семантикии онҳо, ойконимҳо ва мавқеи истифодабарии онҳо, хоронимҳо, полионимҳо,

комонимҳо, урбанонимҳо, гидронимҳо ва корбурди онҳо, мавқеи истифодабарии оронимҳо, номи кӯҳу дашт ва саҳро, номи қалъа, қаср, работ ва нигорхона, дромонимҳо, антропотопонимҳо ва истифодаи онҳо, этнотопонимҳо ва мавқеи истифодабарии онҳо дар "Тазкират-уш-шуаро"-ро мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муаллиф бо таҳлилҳои илмӣ ва хулосаҳои амиқ мулоҳизаронӣ мекунад.

Боби дуюми диссертатсия "Баромади забонӣ ва сохтори морфологии топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ унвон дошта, аз ду фасл ва 9 зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали боби дуюм диссертант дар хусуси томонимҳои эрониасл, топонимҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва дигар забонҳо мулоҳизаҳои ҷолиб баён намуда, онҳоро аз ҳайси илмӣ ба риштаи таҳқиқ мекашад. Фасли дувуми боби дувум "**Таҳлили сохтори морфологии топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ**" ном дошта, дар он диссертант топонимҳоро ба се бахш: сода, сохта ва мураккаб ҷудо намуда, онҳоро аз лиҳози луғавӣ шарҳу баст дода, ҷойгоҳи онҳоро дар асар муқаррар намудааст.

Дар қисмати хулоса муҳимтарин дастовардҳои ин тадқиқот зикр ёфтааст. Номгӯи адабиёт мувофиқи талаботи рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Файзуллоев Абдурозиқ Абдуҳакимович дар мавзуи "Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Инчунин, мазмуну муҳтавои пажуҳиши мазкур дар конференсияи илмӣ баён карда шудаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Файзуллоев Абдурозиқ Абдуҳакимович

дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва сомонаи КОА-и назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С.

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Нуров П.

05.02.2024